Бо Қарори Шӯрои нозирони
Хазинаи суғуртаи амонату
пасандозҳои Тоҷикистон
№ 15 , аз « 11 » 08 с.2023
тасдиқ шудааст

## Тартиби гузаронидани санҷиши фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар самти суғуртаи амонату пасандозҳо

Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои қарзӣ дар самти суғуртаи амонату пасандозҳо (минбаъд – Тартиб) аз ҷониби Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд – Хазина) мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" таҳия гардида, тартиби гузаронидани санҷиши фаъолияти ташкилотҳои қарзии аъзои Хазинаро аз рӯи масъалаи суғуртаи амонату пасандозҳо муқаррар менамояд.

### 1. Муқаррароти умумӣ

1. Мутобиқи Қонун кормандони Хазина метавонанд аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон барои иштирок дар санҷиши ташкилотҳои қарзӣ (минбаъд – санҷиш) ҷалб карда шаванд.

2. Санҷиши ташкилотҳои қарзӣ дар самти суғуртаи амонату пасандозҳо аз ҷониби кормандони масъули Хазина дар ҳайати гурӯҳи санҷишии Бонки миллии Тоҷикистон тибқи супоришномаи Бонки миллии Тоҷикистон барои гузаронидани санҷиши ҳамаҷонибаи ташкилоти қарзӣ ва ё дар ҳолати зарурӣ санҷиши мавзӯӣ гузаронида мешавад.

3. Санҷиш бо мақсади назорати риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" (минбаъд – Қонун) ва санадҳои меъёрии Хазина вобаста ба масъалаҳои зерин гузаронида мешавад:

- санҷиши андоза ва сохтори уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ аз рӯи амонату пасандозҳо дар назди пасандоздорон;
- санҷиши саривақт ва пурра аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ гузаронидани пардохтҳои тақвимӣ ба Хазина;
- санҷиши баҳисобгирии пасандозҳои суғурташуда ва омодагии ташкилоти қарзӣ барои тартиб додани Феҳристи пасандоздорон;
- санҷиши риояи талабот дар хусуси пешниҳоди маълумот ба пасандоздорон оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо;
- риояи дигар талаботи Қонун ва санадҳои меъёрии Хазина.

4. Ҳангоми гузаронидани санҷиши ташкилоти қарзӣ, мумкин аст воҳидҳои сохтории алоҳидаи он аз рӯи масъалаҳое, ки дар нақшаи санҷиш пешбинӣ шудаанд, санҷида шавад.

5. Давраи фаъолияти ташкилоти қарзӣ, ки мавриди санҷиш қарор дода мешавад, мухлат ва санаи гузаронидани санҷиш тибқи супоришномаи Бонки миллии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

## 2. Омодагӣ ба гузаронидани санҷиш

6. Омодагии пеш аз санҷишӣ дар асоси маълумотҳои дар Хазина мавҷудбуда барои мушаххас намудани доираи масъалаҳое, ки таҳти санҷиш қарор мегиранд, давраи санҷишӣ ва муайян намудани ҳаҷми маълумотҳои интихобшаванда, ки барои гузаронидани санҷиш зарур мебошад, аз ҷумла бо дарназардошти таҳлил ва баҳодиҳии пешакии масъалаҳои зерин анҷом дода мешавад:

- эътимоднокии ҳисоботҳои пешниҳодшудаи ташкилоти қарзӣ ба Хазина;
- маълумот оид ба натиҷаҳои қаблии санҷиши гузаронидашудаи ташкилоти қарзӣ;
- маълумот оид ба бартараф намудани камбудиҳои дар рафти санҷишҳои қаблии ташкилоти қарзӣ ошкоршуда.

7. Дар рафти тайёрии пешакӣ то саршавии санҷиш аз ҷониби корманди масъули Хазина:

- маводҳои қаблии санҷиши ташкилоти қарзиро бо мақсади назорати минбаъдаи он масъалаҳое, ки аз рӯи онҳо қонунвайронкунӣ ва камбудиҳо ошкор шуда буданд, меомӯзад;
- ҷамъоварӣ ва ҷамъбасти маълумоти оид ба ташкилоти қарзӣ мавҷудбуда ва ба масъалаҳои санҷидашаванда тааллуқдоштаро амалӣ менамояд;
- таҳлили маълумоти ҳисоботҳои ба Хазина пешниҳодшудаи ташкилоти қарзиро барои давраи санҷишӣ мегузаронад;
- масъалаҳое, ки аз рӯи онҳо бояд санҷиш гузаронида шаванд, бо назардошти натиҷаҳои таҳлили маълумоти болозикр ва нақшаи гузаронидани санҷиш, мушаххас намояд;
- номгӯи воҳидҳои сохтории санҷидашавандаи ташкилоти қарзӣ, ки берун аз саридора ҷойгиранд (филиал) (ҳангоми зарурат), инчунин миқдори пешакии намунаи ҳуҷҷатҳои (маълумотҳои) интихобшуда, ки барои гузаронидани санҷиш заруранд, муайян менамояд. Ҳаҷми ҳуҷҷатҳои намунавии интихобшаванда дар асоси шумораи умумии суратҳисобҳои бонкии пасандоздорон бо дарназардошти маълумот дар бораи ташкилоти қарзӣ, ки дар рафти омодасозии санҷиши пешакӣ гирифта шудааст, муайян карда мешавад. Он бояд ҳолати баҳисобгирии уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ дар назди пасандоздорон ва талаботи тарафайни ташкилоти қарзиро нисбати пасандоздорон инъикос намоянд, ки омодагии ташкилоти қарзиро барои тартиб додани Феҳристи пасандоздорон ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ, инчунин дар дилхоҳ рӯз бо дархости Хазина (дар мухлати 5 рӯзи корӣ аз рӯзи ба ташкилоти қарзӣ ворид шудани дархости дахлдор) тибқи тартиб ва шакли муқаррарнамудаи Хазина таъмин менамояд;
- бо шахсони масъули ташкилоти қарзӣ оиди масъалаҳои пешакӣ таҳия ва пешниҳод намудани маълумот ва ҳуҷҷатҳои барои гузаронидани санҷиш зарур, Феҳристи пасандоздорон, дастрасӣ ба пойгоҳи маълумотӣ ва дигар маводҳои дахлдорро мувофиқа намояд. Дар ҳолати қарори Хазина ҷиҳати аз ташкилоти қарзӣ дархост намудани Феҳристи пасандоздорон ва дар рафти санҷиш ба Хазина пешниҳод намудани он, санае, ки ба он ташкилоти қарзӣ бояд Феҳристро тартиб

диҳад (минбаъд - санаи Феҳрист) муайян карда мешавад. Санаи Феҳрист чун қоида на дертар аз 5 рӯзи корӣ то санаи оғози санҷиш бо назардошти талабот оид ба уҳдадории ташкилоти қарзӣ барои тартиб додани Феҳрист дар муҳлати 5 рӯзи корӣ аз рӯзи ба ташкилоти қарзӣ ворид гардидани дархости дахлдор, муқаррар карда мешавад;

- тадбирҳои зарурии ташкилӣ-техникӣ ҷиҳати таъмини гузаронидани санҷишро меандешад.

8. Дар рафти омодагии пешакӣ маълумот ва ҳуҷҷатҳои зерин истифода мешаванд:

- ҳисоботи ташкилоти қарзӣ, ки аз рӯи шакли ҳисоботи №1-Х "Маълумот дар бораи пардохтҳои тақвимии ташкилоти қарзӣ" (минбаъд - шакли 1-Х), ки "Маълумот дар бораи бақияи тавозунии ҳаррӯзаи пасандозҳои суғурташуда"-ро дар бар мегирад;

- ҳисоботи ташкилоти қарзӣ аз рӯи шакли ҳисоботи №2-Х "Маълумот дар бораи сохтори пасандозҳои суғурташуда" (минбаъд - шакли №2-Х);

- ҳисоботи ташкилоти қарзӣ аз рӯи шакли ҳисоботи №3-Х "Маълумот дар бораи амонату пасандозҳое, ки ҷуброн намешаванд" (минбаъд - шакли №3-Х").

- ҳисоботҳои ҷойгиркардашудаи ташкилоти қарзӣ дар сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон;

- иқтибос аз суратҳисоби ташкилоти қарзӣ оиди баҳисобгирии пардохтҳои тақвимӣ ба Хазина;

- санади санҷишҳои қаблии ташкилоти қарзӣ, ки дар рафти онҳо масъалаи қонунвайронкунӣ ва камбудиҳо муайян гардида, роҳҳои бартараф намудани онҳо оварда шудааст;

- шикоятҳои ба Хазина воридшуда нисбат ба фаъолияти ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла шикояти пасандоздорон;

- маълумот оиди мутобиқати Феҳристи бо дархости Хазина омодашуда ба талаботҳои муқарраршуда;

- тавзеҳоти аз ҷониби ташкилоти қарзӣ дар асоси дархости асосноки хаттии Хазина пешниҳодшуда, ки он маълумот оиди аз ҷониби ташкилоти қарзӣ пардохти пардохтҳои тақвимӣ, оиди пешбурди баҳисобгирӣ ва тартиб додани Феҳристи уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ дар назди пасандоздорон, оиди уҳдадориҳои пасандоздорон дар назди ташкилоти қарзӣ, инчунин оиди аз ҷониби ташкилоти қарзӣ иҷрои дигар вазифа ва уҳдадориҳои тибқи Қонун пешбинишударо дар бар мегирад;

- маълумот дар бораи ташкилоти қарзӣ, ки аз воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла аз шабакаи Интернет гирифта шудааст.

9. Дар доираи омодагӣ ба санҷиши пешакӣ мониторинги маълумотҳои таблиғотии ташкилоти қарзӣ дар самти ҷалби амонату пасандозҳо ва дигар маълумотҳо, ки дар манбаҳои кушода, аз он ҷумла дар шабакаи Интернет ҷойгир карда шудаанд, гузаронида мешавад. Мониторинг бо мақсади:

- муайян намудани меъёри даромаднокии амонату пасандозҳои аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ҷалбшаванда, ки дар таркиби худ пардохтҳои иловагии фоизӣ

ва дигар манфиати моддиро дорад (бонусҳо, хизматрасониҳои маркетингӣ ва дигар барномаҳои эътимодбахшии пасандоздорон ва ғайра);

- баҳодиҳии шумораи воҳидҳои сохтории ташкилоти қарзӣ, ки бо ҷалби амонату пасандозҳо машғул мебошанд;

- мониторинги пешниҳоди маълумоти ташкилоти қарзӣ ба пасандоздорон вобаста ба хизматрсониҳои молиявӣ, ки ба онҳо пардохти ҷубронпулӣ татбиқ намегардад.

### 3. Санҷиши ҳаҷм ва сохтори уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ дар назди пасандоздорон

10. Санҷиши андоза ва сохтори уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ дар назди пасандоздорон (минбаъд - санҷиши андоза ва сохтори уҳдадориҳо) бо мақсади дуруст муайян кардани амонату пасандозҳое, ки бояд суғурта карда шавад ё не, инчунин арзёбии уҳдадориҳои суғуртавии Хазина гузаронида мешавад.

11. Ҳангоми санҷиши андоза ва сохтори уҳдадориҳо маълумот ва ҳуҷҷатҳои зерин истифода бурда мешавад:

- ҳисобот аз рӯи шакли №2-Х;

- ҳисобот аз рӯи шакли №3-Х;

- гурӯҳбандии ҳисобҳои муҳосибӣ барои омода намудани тавозуни ташкилоти қарзӣ (аз рӯи саридора, филиалҳо, тавозунҳои ҷамъбастӣ) (минбаъд - тавозуни ташкилоти қарзӣ);

- варақаи сабти гардиш аз рӯи суратҳисобҳои ташкилоти қарзӣ (минбаъд-варақаи сабти гардиш);

- варақаи сабти бақия аз рӯи суратҳисобҳои ташкилоти қарзӣ (минбаъд – варақаи сабти бақия аз рӯи суратҳисобҳои шахсӣ);

- феҳристи ягонаи пасандоздорони ташкилоти қарзӣ;

- иқтибос аз рӯи суратҳисобҳои баҳисобгирии таҳлилии ташкилоти қарзӣ;

- китоби бақайдгирии суратҳисобҳои кушода;

- шартномаҳои пасандозии бонкӣ ва шартномаҳои суратҳисоби бонкӣ, инчунин шартномаҳое, ки хусусиятҳои шартномаҳои зикргардидаро дорост;

- шартномаҳои басташуда аз ҷониби ташкилоти қарзӣ бо пасандоздорон бо мақсади пешниҳоди восита ва хизматрасониҳои молиявӣ, ки ба низоми суғурта дахл надорад;

- шартномаҳое, ки аз ҷониби ташкилоти қарзӣ бо мақсади ташкил ва таъмини пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ ба пасандоздорон, аз ҷумла тавассути истифодаи каналҳои фосилавии хизматрасонии бонкӣ баста шудаанд;

- фармонҳо, фармоишҳо, пайнавиштҳои ҷаласаҳои кумитаҳои бонкӣ, низомномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои дохилии ташкилоти қарзӣ, ки шарт ва тартиби ҷалби амонату пасандозҳо, кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкии пасандоздоронро муайян менамояд;

- тавзеҳот, маълумотномаҳо, баёноти хаттӣ ва шифоҳии роҳбарон ва кормандони ташкилоти қарзӣ;

- дигар ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳое, ки барои санҷиш заруранд.

12. Ҳангоми санҷиши андоза ва сохтори уҳдадориҳо:

- дар асоси маълумоти ҳисоботи тавозунии ташкилоти қарзӣ ва варақаи сабти бақияи суратҳисобҳои шахсӣ, андозаи уҳдадориҳо дар назди пасандоздорон аз рӯи шартномаҳои пасандози бонкӣ ва шартномаҳои суратҳисоби бонкӣ муайян карда мешавад, аз ҷумла:

а) дар назди шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ (субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ), ки дар ҳисобҳои тавозунии 20202, 20212, 2012, 2014, 20216, 20218, 20220, 20222, 20226, 20228, 20230, 20232 (дар маҷмуъ барои ташкилоти қарзӣ инчунин барои саридора ва филиалҳо) ба ҳисоб гирифта мешавад;

б) таҳлили динамикаи тағйирёбии ҳаҷми амонату пасандозҳои ҷалбнамудаи ташкилоти қарзӣ бо дарназардошти чораҳои нисбат ба он муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон гузаронида мешавад;

- маълумот оид ба намудҳои амонату пасандозҳои бонкӣ (суратҳисобҳо), аз он ҷумла бо шаҳодатномаи пасандозӣ тасдиқшуда, ки дар ташкилоти қарзӣ ба пасандоздорон – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ) кушода мешаванд, мавриди омӯзиш қарор дода мешавад. Таҳлили маълумоти мазкур аз ҷиҳати мутобиқати шартҳои истифодабарии суратҳисоби баҳисобгирии маблағҳои пасандоздорон бо таъиноти аслии иқтисодии он гузаронида мешавад;

- маълумот оиди дар давраи санҷишӣ мавҷуд будани ҳисобҳои номиналӣ, гаравӣ, муштарак, инчунин маълумот дар бораи бақия дар суратҳисобҳои нишондодашуда ба ҳолати санаи оғози санҷиш муайян карда мешавад. Шартномаҳо барои кушодани суратҳисоби гаравӣ, шартномаҳои ҳисоби номиналӣ ва шартномаҳои суратҳисобҳои муштарак ба ҳолати саршавии санҷиш амалкунанда дархост ва санҷида мешаванд;

- дақиқ будани баҳисобгирии маблағҳои пулии пасандоздорон дар ҳисобҳои тавозунии баҳисобгирии уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои пасандоздорон, ки барои инъикоси уҳдадорӣ аз рӯи пасандозҳо пешбинӣ нашудааст, муайян карда мешавад. Маълумот оид ба маблағ ва шумораи интиқолҳои фиристода ва воридшудаи шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ, барои семоҳаи ҳисоботӣ пеш аз санаи оғози санҷиш оварда мешавад.

Дурустии мансубияти маблағҳои пулии дар суратҳисобҳои бонкии пасандоздорон ҷойгиркардашуда, ки мавриди суғурта фаро гирифта мешаванд, мутобиқи Қонун муқаррар карда мешавад. Баҳодиҳии ҳаҷми маблағҳои аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ҷалб намудаи пасандоздорон, ки суғурта карда намешаванд, гузаронида мешавад;

- тартиб ва хусусиятҳои аз ҷониби ташкилоти қарзӣ (аз ҷумла дар воҳидҳои сохтории худ) қабули қарорҳо дар бораи намудҳои шартномаҳои суратҳисоби бонкӣ, шартномаҳои пасандози бонкӣ ва шартҳои кушодани онҳо (шартҳои ҷалби маблағҳо) баррасӣ карда мешаванд.

## 4. Санҷиши саривақт ва пурра аз ҷониби ташкилоти қарзӣ гузаронидани пардохтҳои тақвимӣ

13. Санҷиши саривақт ва пурра пардохт намудани пардохтҳои тақвимӣ аз ҷониби ташкилоти қарзӣ (минбаъд - санҷиши пардохтҳои тақвимӣ) бо мақсади муайян кардани дуруст тартиб додани ҳисоботи шакли №1-Х, муайян кардани заминаи ҳисобкунӣ барои ҳисоб кардани пардохтҳои тақвимӣ ва саривақт пардохти намудани пардохти тақвимӣ ба Хазина гузаронида мешавад.

14. Ҳангоми санҷиши пардохтҳои тақвимӣ ҳуҷҷатҳо ва маълумоти зерин истифода карда мешавад:

- иқтибос аз суратҳисоби ташкилоти қарзӣ дар Хазина;
- ҳисоботи шакли №1-Х;
- тавозуни ҳаррӯзаи ташкилоти қарзӣ;
- гардиши пулии ҳаррӯза;
- варақаи сабти бақияи суратҳисоб;
- иқтибос аз суратҳисобҳои таҳлилии баҳисобгирии бонк;
- китоби бақайдгирии суратҳисобҳои кушода;
- бақайдгирии муҳосибавии коғазҳои қимматнок;
- шартномаҳои пасандози бонкӣ, шартномаҳои суратҳисоби бонкӣ, варақаҳои сабти замимавӣ (корешок) ва шаҳодатномаҳои амонатию пасандозӣ;
- ҳуҷҷатҳои дохилии ташкилоти қарзӣ (фармонҳо, фармоишҳо, дастурамалҳои вазифавӣ), ки шахсони барои омода намудани шакли ҳисоботии №1-Х, инчунин барои ҳисоббаробаркунӣ ва интиқоли пардохтҳои тақвимӣ ба Хазина масъулро муайян менамоянд;
- тавзеҳотҳо, маълумотномаҳо, тавзеҳоти хаттӣ ва шифоҳии роҳбарон ва кормандони ташкилоти қарзӣ;
- дигар ҳуҷҷатҳо ва маълумоте, ки барои гузаронидани санҷиш заруранд.

15. Дар рафти санҷиши саривақт ва пурра пардохт намудани маблағи пардохтҳои тақвимӣ:

- дар асоси ҳуҷҷатҳои дохилии ташкилоти қарзӣ тартиб ва раванди омода намудани ҳисоботи шакли №1-Х (аз ҷумла, қисмати эзоҳӣ) муқаррар карда мешавад;
- таҳлили пурра ва дуруст ба ҳисоботи шакли №1-Х ворид намудани маълумот оиди бақияи маблағҳои пулии пасандоздорон бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ гузаронида мешавад. Муқоисаи маълумотҳо аз рӯи ҳисоботи шакли №1-Х бо варақаи сабти бақия аз рӯи суратҳисобҳои шахсӣ гузаронида мешавад.
- пурра ва саривақт ба ҳисоботи шакли №1-Х ворид намудани фоизҳо аз рӯи маблағи амонату пасандоз ҳисобшуда ва замшуда (капитализатсия), ки мавриди суғурта фаро гирифта мешаванд, барои ҳама намуди суратҳисобҳои амонатию пасандозӣ аз ҷониби ташкилоти қарзӣ кушодашаванда ва дар санаи санҷишӣ амалкунанда, ба таври интихобӣ санҷида мешавад;
- ҳангоми дар рафти санҷиши пардохтҳои тақвимӣ ошкор гардидани камбудиҳои аз тарафи ташкилоти қарзӣ ҳангоми омода намудани ҳисоботи шакли №1-Х роҳ додашуда, таъсири онҳо ба андозаи пойгоҳи барои ҳисобкунии

пардохтҳои тақвимӣ ҳисобшаванда ва андозаи пардохтҳои тақвимӣ ба Хазина баҳо дода мешавад. Дар ҳолати муайян кардани далелҳои аз ҷониби ташкилоти қарзӣ сари вақт ва ё нопурра пардохт шудани пардохтҳои тақвимӣ, сабабҳои он муайян карда мешавад.

## 5. Санҷиши баҳисобгирии пасандозҳои суғурташуда ва омодагии ташкилоти қарзӣ барои тартиб додани Феҳристи пасандоздорон

16. Санҷиши баҳисобгирии пасандозҳои суғурташуда дар ташкилоти қарзӣ бо мақсади арзёбии дараҷаи омодагии ташкилоти қарзӣ ҷиҳати тартиб додани Феҳристи баҳисобгирии пасандозҳои суғурташуда (минбаъд – Феҳристи пасандоздорон) ҳангоми ба вуқуъ ҳолати суғуртавӣ ва ё бевосита бо дархости Хазина дар дилхоҳ рӯз (дар муддати 5 рӯзи корӣ аз рӯзи ворид гардидани чунин дархост), гузаронида мешавад.

17. Санҷиши мазкур баҳодиҳии аз ҷониби ташкилоти қарзӣ тибқи тартиб, шакл ва мӯҳлатҳои муқарраркардаи санадҳои меъёрии Хазина таҳия ва пешбурди Феҳрист, мутобиқатии маълумотҳои он бо маълумотҳои низоми автоматикии бонкии (минбаъд – НАБ) ташкилоти қарзӣ, ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ва ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибиро дар бар мегирад.

18. Ҳангоми санҷиши баҳисобгирии ӯҳдадориҳо ва тартибдиҳии Феҳрист ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳои зерин истифода бурда мешаванд:

- ҳуҷҷатҳои дохилии ташкилоти қарзӣ, ки тартиби баҳисобгирии маълумот дар бораи пасандоздорон, кушодан ва бурдани суратҳисоби бонкии пасандоздорон, баҳисобгирии ӯҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ дар назди пасандоздорон ва талаботи мутақобили ташкилоти қарзиро ба пасандоздорон танзим менамоянд;
- ҳуҷҷатҳои дохилии ташкилоти қарзӣ, ки тартибдиҳии феҳристро танзим мекунанд;
- шакли намунавии шартномаҳои суратҳисоби бонкии пасандоздорон, ки дар оғози санҷиш дар ташкилоти қарзӣ амалкунанда, инчунин аз ҷумлаи шаклҳои амалнакунандае, ки истифода бурда мешаванд;
- маълумот дар бораи пасандоздорон ва суратҳисобҳои амонатӣ ё пасандозии ба онҳо кушодашуда, ки дар НАБ мавҷуданд;
- парвандаҳои ҳуқуқӣ (ҳуҷҷатҳо) аз рӯи шартномаҳои суратҳисоби бонкӣ (амонатӣ, пасандозӣ);
- парвандаҳои қарздорон, дигар ҳуҷҷатҳои таҳлилии ҳисобдорӣ ва ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ, ки дар асоси онҳо талаботи ташкилоти қарзӣ ба пасандоздорон аз рӯи ӯҳдадориҳои пулӣ ба амал меоянд;
- иқтибос аз суратҳисобҳо аз рӯи баҳисобгирии ӯҳдадории ташкилоти қарзӣ дар назди пасандоздорон ва талаботи мутақобили ташкилоти қарзӣ ба пасандоздорон;
- варақаи сабти гардиши ҳаррӯза дар санаи тартибдиҳии феҳрист;
- бақияи ҳисоботи тавозунӣ аз рӯи суратҳисобҳо дар санаи тартибдиҳии феҳрист;

- варақаи бақияи тавозуни ҳисоби шахсӣ;

- тавозуни ҳаррӯзаи ташкилоти қарзӣ дар санаи тартибдиҳии феҳрист;

- феҳристи ягонаи амонату пасандозҳо ва пасандоздорони суғурташудаи ташкилоти қарзӣ;

- тавзеҳотҳо, маълумотномаҳо, тавзеҳӣ хаттӣ ва шифоҳии роҳбарон ва кормандони ташкилоти қарзӣ;

- дигар ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳое, ки барои санҷиш заруранд.

19. Ҳангоми гузаронидани санҷиши баҳисобгирии уҳдадориҳо:

- дар асоси маълумот ва ҳуҷҷатҳое, ки аз ташкилоти қарзӣ гирифта шудаанд, раванд ва усули баҳисобгирии маълумот дар бораи пасандоздорон ва уҳдадориҳо дар назди онҳо, амалиёт аз рӯи суратҳисобҳои амонатию пасандозӣ ва талаботи мутақобили ташкилоти қарзӣ ба пасандоздорон, аз ҷумла бо истифодаи воситаҳои автоматикунонидашуда тавсиф карда шуда, хусусияти (фарқияти) равандҳои технологӣ барои маҳсулоти алоҳидаи бонкӣ, хизматрасонӣ, инчунин фарқияти технология ва низомҳои автоматикӣ дар воҳидҳои сохтории ташкилоти қарзӣ ба инобат гирифта мешаванд;

- эътимоднокии шартномаҳои литсензионии ҳуқуқи моликият ва дастгирии (коркарди) барномаҳои истифодашванда санҷида мешавад. Миқдори пойгоҳи алоҳидаи маълумотҳо оид ба муштариҳо ва суратҳисобҳои онҳо, ки дар ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла воҳидҳои сохтории он истифода бурда мешаванд, муайян карда мешавад;

- ҳангоми баҳодиҳии пуррагии маълумот дар бораи пасандоздор (соҳиби манфиатдори муштарӣ), ки аз тарафи ташкилоти қарзӣ ҳангоми бастани шартномаи суратҳисоби бонкӣ (амонатӣ, пасандозӣ) гирифта мешавад, маълумотҳои зерин таҳлил карда мешаванд:

а) рӯйхати ҳуҷҷатҳое, ки аз ҷониби пасандоздорон барои бастани шартномаи суратҳисоби бонкӣ ва шартномаи пасандози бонкӣ ба ташкилоти қарзӣ пешниҳод мешаванд;

б) шакл ва тартиби бастани шартномаи суратҳисоби бонкӣ ва шартномаи пасандози бонкӣ бо пасандоздорон;

в) пуррагии инъикоси маълумот дар бораи пасандоздорон дар саволномаҳои (анкетаҳои) электронӣ дар НАБ, ки барои тартиб додани феҳрист заруранд;

г) имкониятҳои хизматрасонии НАБ аз ҷиҳати ҳифз кардан аз хатогиҳо ҳангоми ворид намудани маълумот;

- дар ҷараёни баҳодиҳии пуррагӣ, дурустӣ ва саривақтии дар баҳисобгирӣ инъикос ёфтани маълумот дар бораи пасандоздорон (соҳибони манфиатдори муштарӣ), уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ дар назди пасандоздорон ва талаботи мутақобилаи ташкилоти қарзӣ ба пасандоздорон, ки барои тартиб додани феҳрист мутобиқи талаботи муқарраршуда заруранд, корҳои зерин анҷом дода мешаванд:

а) санҷиши интихобии парвандаҳои ҳуқуқӣ аз рӯи шартномаҳои суратҳисоби бонкӣ ва шартномаҳои пасандози бонкӣ, парвандаҳои қарздорон аз ҷиҳати мавҷудияти ҳуҷҷатҳо (нусхаи ҳуҷҷатҳо) ва маълумотҳо, ки мушаххасоти

муайянкунандаи шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва мутобиқатии онҳо ба маълумотҳои дар анкетаҳои электронӣ дар НАБ будаpо тасдиқ менамоянд;

б) санҷиши интихобии парвандаҳои ҳуқуқӣ аз рӯи шартномаҳои суратҳисобҳои бонкӣ бо якчанд шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ (суратҳисоби муштарак) ҷиҳати дурустии дар ҳисоботи муҳосибӣ инъикос ёфтани мансубияти ҳуқуқии ҳар як шахси воқеӣ ё шахси ҳуқуқӣ ба маблағҳои пулӣ, ки дар суратҳисоб мавҷуданд;

в) таҳлили хатогиҳои баҳисобгирии маълумот дар бораи пасандоздорон, ки ҳангоми санҷиши ҳамаҷонибаи феҳрист ошкор шудаанд;

г) санҷиши (бо усули интихобӣ) мӯҳлатҳои иҷроиш ва инъикоси амалиётҳо аз рӯи суратҳисобҳои пасандоздорон дар ҳисоботи муҳосибии ташкилоти қарзӣ ва мувофиқатии онҳо ба дастурҳои дорандагони суратҳисобҳо, даврияти ҳисобкунӣ тибқи шартҳои шартнома ва инъикоси фоизҳо аз рӯи суратҳисобҳои бонкии пасандоздорон, инчунин имконияти ҳисобу китоби ҳаррӯзаи фоизҳо дар доираи ҳар як шартнома бо натиҷаи афзоянда аз рӯзи инъикоси охирини онҳо дар ҳисоботи муҳосибӣ;

д) санҷиши пуррагии ба феҳрист дохил кардани талаботи мутақобилаи ташкилотҳои қарзӣ ба пасандоздорон, ки дар ҳисобҳои тавозунӣ ва ғайритавозунии баҳисобгирии муҳосибии уҳдадориҳои пасандоздорон дар назди ташкилоти қарзӣ аз рӯи амалиёти ҳуқуқӣ-шаҳрвандӣ ё дигар асосҳои пешбининамудаи қонун, ки мувофиқан пасандоздор қарздори ташкилоти қарзӣ мебошад, инъикос шудаанд. Талаботи мутақобила ба маблағе, ки мувофиқи маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ дар санаи ташкили феҳрист муайян карда мешавад, ба феҳрист дохил карда мешаванд;

е) муқоисаи маблағи уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ дар назди аризадиҳандаҳо, ки қаблан ба Хазина муроҷиат кардаанд ва нисбати онҳо дар аризаҳои дахлдор маълумотҳо мавҷуданд, бо маълумоти баҳисобгирии ташкилоти қарзӣ.

20. Ҳангоми санҷиши омодасозии Феҳрист:

- тартиби ташкилии омодасозии феҳрист аз ҷониби ташкилоти қарзӣ баррасӣ карда мешавад. Тартиби қабули қарорҳо аз ҷониби ташкилоти қарзӣ оид ба масоили тартибдиҳии феҳрист таҳлил карда шуда, мавҷудияти ҳуҷҷатҳои дохилӣ (фармонҳо, фармоишҳо, низомномаҳо, дастурамалҳо ва ғайра), ки тартиби омодасозии феҳристро дар шакл ва мӯҳлатҳои аз ҷониби Хазина муқарраршуда ва шахсони масъули онро муайян мекунанд, мавриди санҷиш қарор дода мешавад;

- назорати техникии феҳрист амалӣ карда мешавад, аз он ҷумла:

а) пуррагии маълумоти феҳрист, аз ҷумла сохтори шакли феҳрист, мувофиқати нишондиҳандаҳои файли назоратӣ бо талаботи феҳрист, мутобиқатии шаклҳои пешниҳоди маълумот дар феҳрист ба талаботи муқарраршуда;

б) дар феҳрист мавҷудияти маълумоти пурра ва дақиқ дар бораи ташкилоти қарзӣ тибқи талаботи муқарраргардида;

в) мутобиқати иттилоот дар бораи уҳдадориҳое, ки дар феҳрист инъикос шудааст бо маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ. Бо ин мақсад:

- бо усули яклухт муқоисаи маблағҳои ниҳоии уҳдадориҳо аз рӯи ҳисобҳои тавозунии дараҷаи дуюм дар феҳрист бо маълумотҳои тавозуни маҷмӯии ташкилоти қарзӣ амалӣ карда мешаванд, сабабҳои номувофиқ будани маълумотҳо муайян карда мешаванд;

- муқоисаи яклухти маълумот дар бораи уҳдадориҳо дар феҳрист бо маълумоти бақияи тавозунӣ дар суратҳисобҳо гузаронида мешавад, сабабҳои номувофиқ будани маълумотҳо муайян карда мешаванд;

г) пуррагӣ ва дурустии маълумот дар бораи пасандоздороне, ки ба феҳрист дохил карда шудаанд, муайянкунии мушаххасоти (идентификатсияи) пасандоздорон ҳангоми якҷоя кардани уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ дар назди пасандоздорон ва талаботи мутақобили ташкилоти қарзӣ ба пасандоздорон.

## 6. Санҷиши пешниҳоди маълумот ба пасандоздорон оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

21. Санҷиши аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ба пасандоздорон пешниҳод намудани маълумот оид ба иштироки худ дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва тартиби гирифтани ҷубронпулии суғурта аз рӯи амонату пасандозҳо бо мақсади баҳодиҳии пуррагӣ ва сифатнокии маълумотҳои мазкур ва тарзи пешниҳоди онҳо ба пасандоздорон (минбаъд – санҷиши пешниҳоди маълумот) гузаронида мешавад.

22. Ҳангоми санҷиши пешниҳоди маълумот:

- санҷиши дар ташкилоти қарзӣ мавҷуд будани маводҳои иттилоотӣ (буклетҳо, варақаҳо, дигар маводи иттилоотӣ), ки дорои маълумот дар бораи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо мебошад, аз ҷумла дар бораи тартиб ва андозаи гирифтани ҷубронпулии суғурта аз рӯи амонату пасандозҳо гузаронида мешавад;

- баҳодиҳии дараҷаи иттилоотнокии (дараҷаи тахассус, дараҷаи дониш) кормандони ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла кормандоне, ки бевосита ба пасандоздорон хизматрасонӣ пешкаш менамоянд, оид ба масоили суғуртаи амонату пасандозҳо (тавассути гузаронидани мусоҳиба бо кормандони ташкилоти қарзӣ ва санҷиши хаттӣ) гузаронида мешавад;

- тарзу усулҳои пешниҳоди маълумоти дахлдор ба пасандоздорон (огоҳонидани шифоҳӣ ё хаттии пасандоздорон, дохил намудани банди дахлдор ба шартномаҳои суратҳисоби бонкӣ ва шартномаҳои пасандози бонкӣ, ҷойгиркунии маълумот дар сомонаи расмии ташкилоти қарзӣ дар шабакаи интернет, ҷойгир намудани маълумот дар ҷойҳои ба мизоҷон дастраси ташкилоти қарзӣ) муайян карда мешавад;

23. Ҳангоми санҷиши ҷойгиркунии маълумот дар бораи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо дар ҷойҳои барои пасандоздорон дастраси ташкилотҳои қарзӣ, ки дар он ба пасандоздорон хизмат расонида мешавад, маълумоти зерин баҳогузорӣ карда мешавад:

- тарзи расонидани маълумот оид ба суғуртаи амонату пасандозҳо ба мизоҷони ташкилоти қарзӣ (тавассути ҷойгир кардани маълумот дар лавҳаҳои

иттилоотӣ, паҳн кардани буклетҳо, варақаҳои иттилоотӣ ё дигар маводҳои чопӣ, ҷойгиркунии нишони (эмблемаи) узвият дар Хазина, пешниҳоди намоишҳои видеоӣ, аудироликҳо ва ғайра);

- ҷойгир кардани маводҳои иттилоотӣ дар ҷойҳои ба муштариён дастраси ташкилотҳои қарзӣ.

24. Ташкилоти қарзӣ бо назардошти тавсияҳои Хазина ҳуқуқ дорад мустақилона шакл ва усулҳои ба самъи пасандоздорон пешкаш намудани ахборро оид ба масъалаҳои дар боби 6 Тартиби мазкур зикршударо интихоб кунад.

## 7. Мамоният барои гузаронидани санҷиш

25. Аз ҷониби ташкилоти қарзӣ иҷро нагардидани (иҷрои номатлуби) уҳдадориҳо барои мусоидат ба гузаронидани санҷиш дар ташкилоти қарзӣ, ки Тартиби мазкур муқаррар намудааст, ҳамчун мамониат ба гузаронидани санҷиш ба ҳисоб меравад.

26. Далели мамониат барои гузаронидани санҷиш дар ташкилоти қарзӣ амалҳои зерин шуда метавонанд:

- наандешидани чораҳо баҳри таъмини даромаду баромади бемамониати роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷишӣ ба бино ва дигар биноҳои хизматии ташкилоти қарзии мавриди санҷиш қарорбуда ё воҳиди сохтории он мутобиқи Тартиби мазкур;

- мутобиқи Тартиби мазкур дар ҳаҷми пурра аз ҷониби ташкилоти қарзӣ пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳо (маълумот) ё нусхаи онҳо дар асоси дархости пешниҳоди ҳуҷҷатҳо, ки онро роҳбар ва аъзои гуруҳи санҷиш барои иҷро дар муҳлати аз ҷониби он муқарраркарда тартиб додаанд;

27. Роҳбари гурӯҳи санҷишӣ дар ҳолати мамониат ба гузаронидани санҷиш мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ду нусха санад тартиб медиҳад.

28. Санад дар бораи мамониат ба гузаронидани санҷиш аз ҷониби роҳбари гурӯҳи санҷиш ва на камтар аз як нафар аъзои гурӯҳи санҷиш имзо карда мешавад.

29. Роҳбари гурӯҳи санҷишӣ нусхаи санад дар бораи мамониат ба гузаронидани санҷишро ба роҳбари ташкилоти қарзӣ ё дар ҳолати гузаронидани санҷиши воҳидҳои сохторӣ ба корманди масъули воҳиди сохторӣ месупорад.

30. Далели гирифтани санад дар бораи мамониат ба гузаронидани санҷиш дар нусхаи дуюми он бо имзои роҳбар ё корманди масъули ташкилоти қарзӣ, ки санадро гирифтааст, бо нишон додани вазифа, ному насаб ва ҳамчунин таърих ва вақти гирифтани он тасдиқ карда мешавад.

31. Агар роҳбари ташкилоти қарзӣ ё корманди масъули воҳиди сохторӣ гирифтани санад дар бораи мамониат ба гузаронидани санҷиш ё имзо кардани онро, ки далели гирифтани санадро тасдиқ мекунад, рад намояд, он гоҳ дар санад бо нишон додани вазифа, ному насаби роҳбар ё корманди масъул ва таърихи радкунӣ сабти зерин ворид мегардад: *"Гирифтани санад дар бораи мамониат ба*

*гузаронидани санҷишро рад кард*" ё "*Имзо намудан, ки далели гирифтани санад дар бораи мамониат ба гузаронидани санҷишро тасдиқ мекунад, рад кард*".

32. Нусхаи санад дар бораи мамониат ба гузаронидани санҷиш, бо супориши шахси мансабдор имкон дорад, ки ба роҳбари ташкилоти қарзӣ ё ба Шӯрои нозирони он фиристода шавад.

33. Санад дар бораи мамониат ба гузаронидани санҷиш аз ҷониби роҳбари гурӯҳи санҷиш мутобиқи санадҳоии меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва Тартиби мазкур барои қабули қарор ба шахси мансабдор пешниҳод карда мешавад.

## 8. Барасмиятдарории натиҷаҳои санҷиш

34. Натиҷаҳои санҷиши ташкилоти қарзӣ дар самти суғуртаи амонату пасандозҳо дар санади санҷиш инъикос меёбад.

35. Санади санҷиш ҳуҷҷати дорои маълумоти дастрасияш ба шахсони сеюм маҳдуд мебошад, ба истисноии ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

36. Дар санади санҷиш, ки аз қисми муқаддимавӣ, таҳлилӣ ва хотимавӣ иборат мебошад, таҳлилу арзёбии аз ҷониби ташкилоти қарзӣ риоя гардидани талаботи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии Хазина бо назардошти камбудиҳои ошкоршуда ва дастуру тавсия ҷиҳати дар муҳлатҳои муайян ислоҳи онҳо, натиҷагирӣ карда мешавад.

37. Санади санҷиш дар се нусха таҳия гардида, бо имзои корманди (намояндаи) масъули Хазина барои шиносоӣ ва барасмиятдарорӣ ба роҳбарияти ташкилоти қарзӣ пешниҳод карда мешавад.

38. Санади санҷиш дар ҳолатҳои зарурӣ бо замимаи нусхаи ҳуҷҷатҳои ташкилоти қарзии молиявӣ, ки дар рафти санҷиш ошкор гардидани баҳисобгирии (ҳисоботдиҳии) нодуруст, қонунвайронкунӣ ва камбудиҳоро дар фаъолияти он тасдиқ мекунанд, пешниҳод мегардад.

39. Санади санҷиш ба корманди масъули филиал ё воҳиди сохторӣ, ки ваколатнома оид ба қабули санад ва минбаъд барои шиносоӣ ба роҳбари ташкилоти қарзӣ додани онро дорад, супурда мешавад. Супурдани санади санҷиш барои шинос намудани мақомоти идоракунии ташкилоти қарзӣ дар асоси пайнавишти қабулу супурди санад, ки дар се нусха мутобиқи замимаи №3 таҳия карда мешавад, амалӣ мегардад.

40. Дар ҳолати рад кардани корманди масъул аз гирифтани санад барои шиносоӣ ё саркашӣ кардан аз қабули он барои супурдан ба роҳбари ташкилоти қарзӣ барои шиносоӣ, дар ҳар ду нусхаи санади санҷиш навиштаҷоти зерин сабт мегардад: "*Аз гирифтани санади санҷиш барои шиносоӣ саркашӣ кард*", ки он ҷо вазифа, ному насаби корманди масъул нишон дода шуда, бо имзои роҳбари гурӯҳи санҷиш ва на камтар аз як аъзои гурӯҳи санҷиш тасдиқ мегардад.

41. Роҳбари ташкилоти қарзӣ бояд бо санади санҷиш дар муҳлати на зиёда аз 5 рӯзи корӣ аз рӯзи пешниҳоди санад ё рӯзи имзо шудани пайнавишти қабулу супурди санади санҷиш шинос гардад.

42. Далели шиносоӣ бо санади санҷиш дар ҳар ду нусхаи санади санҷиш бо нишон додани таърихи шиносоӣ бо санади санҷиш бо имзои роҳбар ё корманди масъули филиал ё воҳиди сохтории ташкилоти қарзӣ ва бо нақши муҳри он тасдиқ карда мешавад.

43. Дар ҳолати норозигӣ ба санади санҷиш, роҳбари ташкилоти қарзӣ ҳуқуқ дорад бо навиштаҷоти зерин "*Норозигӣ ба санади санҷиш дар "___" варақ замима мегардад*" (минбаъд - норозигӣ ба санади санҷиш) эътирози хаттӣ пешниҳод кунад.

44. Норозигӣ ба санади санҷиш бояд дар се нусха таҳия гардида, бо имзои роҳбари ташкилоти қарзӣ ва сармуҳосиби он, шахсони онҳоро ивазкунанда ва нақши муҳри ташкилоти қарзӣ тасдиқ карда шавад.

45. Норозигӣ ба санади санҷиш дар коғаз ва дар ҳолатҳои зарурӣ ҳамчунин дар шакли электронӣ ба намояндаи Хазина ва роҳбари гурӯҳи санҷиш пешниҳод мегардад.

46. Норозигӣ ба санади санҷиш, ки то тамом шудани мухлати шиносоӣ бо санади санҷиш пешниҳод шудааст, ҷузъи таркибии он ба ҳисоб меравад.

47. Натиҷаҳои санҷиши ташкилоти қарзӣ дар самти суғуртаи амонату пасандозҳо дар санади ҷамъбастӣ, ки тибқи дастурамали дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон тартиб дода мешавад, дарҷ карда мешавад.

**Замимаи 1** ба Тартиби гузаронидани
санҷиши фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ
дар самти суғуртаи амонату пасандозҳо

## Тартиби интихоби ҳуҷҷатҳо (маълумотҳо) барои гузаронидани санҷиш

| № п/п | Саволҳои санҷишӣ | Давраи санҷишӣ* | Ҳуҷҷатҳо (маълумотҳо)** | Рақами ҳисобҳои тавозунии санҷидашаванда, доираи санҷиш | Ҳаҷми санҷиши ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 1 | **Андоза ва сохтори уҳдадории ташкилоти қарзӣ дар назди пасандоздорон** | | - шакли ҳисоботи № 2-Х;<br>- шакли ҳисоботи № 3-Х;<br>- тавозуни ташкилоти қарзӣ;<br>- варақаи гардиш;<br>- варақаи бақияи тавозунӣ дар суратҳисоби шахсӣ;<br>- ҳисобҳои шахсӣ (нусхаи аз суратҳисобҳои шахсӣ);<br>- китоби бақайдгирии суратҳисобҳои кушода;<br>- феҳристи баҳисобгирии қоғазҳои қиматнок, аз ҷумла шартҳои баҳисобгирӣ барориш ва гардиши сертификатҳои пасандозӣ;<br>- шартномаҳои пасандозии бонкӣ, шартномаҳои суратҳисоби бонкӣ ва шартномаҳои дигар, ки аз тарафи ташкилоти қарзӣ баста шудааст;<br>- амрнома, фармоиш,протаколи ҷаласаҳои мақомоти идоракунӣ, қоидаҳо ва дигар санадҳои меъёрии дохилии ташкилоти қарзӣ;<br>-феҳристи ягонаи пасандоздорони суғурташуда;<br>- тавзеҳот, маълумотномаҳо, шарҳҳои хаттӣ ва шифоҳии роҳбарон ва кормандони ташклоти қарзӣ | Ҳамаи ҳисобҳои тавозуние, ки дар ҳисоботи шакли № 1-Х оварда шудааст ва дигар ҳисобҳои тавозуние, ки дар онҳо метавонад уҳдадориҳо дар назди пасандоздорон баҳисоб гирифта шаванд. | Ҳисобҳои шахсӣ ва шартномаҳо дар ҳолати пайдо гардидани саволҳо, оиди дуруст суғурта гардидани маблағҳои амонату пасандоз санҷида мешаванд |
| | - таҳлили ҳаҷми маблағҳои ҷалбшуда аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ | Аз оғози давраи санҷиш то санаи таҳияи феҳрист | | | |
| | - санҷиши қонунӣ ворид намудани маблағҳои амонату пасандоз ба гуруҳи пасандозҳои суғурташуда | Ба санаи оғози санҷиш, ба санаи таҳияи феҳрист | | | |
| | - таҳлили навъи амонату пасандозҳои бонкӣ, ки дар ташкилоти қарзӣ кушода шудаанд | Ба санаи оғози санҷиш | | | |
| | - таҳлили меъёри фоизи аз рӯи амонату пасандозҳо | Давраи солона то санаи оғози санҷиш | | | |

*Дар ҳолати дар рафти санҷиши интихобӣ (дар санаи ҷудогона ё суратҳисобҳои ҷудогона) ошкор гардидани қонуншиканиҳо, ки ба андозаи пардохтҳои тақвимии ташкилоти қарзӣ таъсири назаррас дорад, корманди Хазина бо мувофиқа роҳбари гуруҳ ба санҷиши пурра мегузарад.

| № п/п | Саволҳои санҷишӣ | Давраи санҷишӣ* | Ҳуҷҷатҳо (маълумотҳо)** | Рақами ҳисобҳои тавозунии санҷидашаванда, доираи санҷиш | Ҳаҷми санҷиши ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| | - мавзӯъҳои дигари марбут ба мавзӯи санҷиш | | | | |
| 2 | **Пурра ва саривақт гузаронидани пардохтҳои тақвимӣ аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ба Хазина** | | - нусха аз суратҳисоби ташкилоти қарзӣ дар Хазина барои баҳисобгирии пардохтҳои тақвимӣ;<br>- ҳисобот аз рӯи шакли ҳисоботи №1-Х;<br>- ҳисоботи тавозуни ҳаррӯзаи ташкилоти қарзӣ;<br>- варақаи гардиши тавозуни ҳаррӯза;<br>- - варақаи бақия дар суратҳисоби шахсӣ;<br>- ҳисобҳои шахсӣ (нусхаи аз суратҳисобҳои шахсӣ);<br>- китоби бақайдгирии суратҳисобҳои кушода;<br>- бақайдгирӣ ва баҳисобгирии қоғазҳои қиматнок;<br>- шартномаҳои пасандози бонкӣ, шартномаҳои суратҳисоби бонкӣ;<br>- ҳуҷҷатҳои дохилии ташкилоти қарзӣ, муайян намудани шахсоне, ки барои омода намудани ҳисоботи шакли №1-Х, инчунин ҳисоб ва гузаронидани пардохтҳои тақвимӣ ба Хазина масъул мебошад;<br>- Тавзеҳот, шаҳодатномаҳо, шарҳҳои хаттӣ ва шифоҳии роҳбарон ва кормандони ташкилоти қарзӣ | Ҳамаи ҳисобҳои тавозуние, ки дар ҳисоботи шакли №1-Х нишон дода шудаанд | Барои санҷиши дурустии ҳисоби фоизҳо, на камтар аз 10 созишномаи пасандози бонкӣ (шартномаи амонати бонкӣ) барои намудҳои гуногуни амонату пасандозҳо интихоб карда мешаванд.<br><br>Ҳисобҳои шахсӣ ва шартномаҳо дар ҳолате пайдо шудани савол оиди қонунӣ будани таснифоти амонату пасандозҳои суғурташаванда санҷида мешавад |
| | -тавсифи тартиби омодасозии ҳисоботӣ шакли №1-Х | Ба санаи оғози санҷиш | | | |
| | - таҳлили пурра ва дуруст ворид намудани маълумот ба ҳисоботи шакли №1-Х | На камтар аз ду санаи давраи санҷишӣ | | | |
| | - дурустии мубодилаи маблағҳо бо асъори хориҷӣ | На камтар аз 5 санаи давраи санҷишӣ | | | |
| | - пурра ва саривақт ба ҳисоботи шакли №1-Х дохил намудани фоизи ҳисобшуда аз рӯи пасандозҳо | Дар давраи амали шартнома | | | |
| | - пурра ва саривақт гузаронидани пардохтҳои тақвимӣ ба Хазина | Дар тамоми давраи санҷиш | | | |
| | - мавзӯъҳои дигари марбут ба мавзӯи санҷиш | | | | |

| № п/п | Саволҳои санҷишӣ | Давраи санҷишӣ* | Ҳуҷҷатҳо (маълумотҳо)** | Рақами ҳисобҳои тавозунии санҷидашаванда, доираи санҷиш | Ҳаҷми санҷиши ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 3 | **Баҳисобгирии уҳдадории ташкилоти қарзӣ дар назди пасандоздорон** | | - ҳуҷҷатҳои дохилии ташкилоти қарзие, ки тартиби бақайдгирии маълумот дар бораи пасандоздорон, кушодан ва нигоҳдории суратҳисобҳо, ба ҳисоб гирифтани уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ дар назди пасандоздорон ва даъвоҳои мутақобила;<br>- шаклҳои стандартии шартномаҳои бонкӣ (суратҳисобҳо);<br>-маълумот дар бораи пасандоздорон ва суратҳисобҳое, ки дар НАБ-и ташкилоти қарзӣ кушода шудаанд;<br>- маълумот аз рӯи шартномаҳои бонкии пасандоздорон;<br>- маълумот оидба қарздорҳо;<br>- ҳисобҳои шахсӣ барои бақайдгирии уҳдадориҳо ва талабҳои ташкилоти қарзӣ;<br>- бақияи тавозунӣ дар суратҳисоби шахсӣ;<br>- феҳристи ягонаи пасандоздорони суғурташуда;<br>- тавзеҳот, маълумотномаҳо, шарҳҳои хаттӣ ва шифоҳии роҳбарон ва кормандони ташклоти қарзӣ | Ҳисобҳои тавозунӣ, ки дар ҳисоботи шакли №2-Х қайд шудаанд ва ҳисобҳои тавозуние, ки дар он даъвоҳои мутақобилаи ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздорон ба инобат гирифта шудааст | Ҳадди ақкал 300 адад маълумот аз рӯи пасандозҳо ва амонатҳои бонкӣ ва на камтар аз 20 адад маълумоти қарздорон |
| | - тавсифи тартиби баҳисобгирии маълумот оид ба пасандоздорон ва ҳисобҳои онҳо | Дар санаи оғози санҷиш | | | |
| | - баҳодиҳии маълумоти пурраи гирифтаи ташкилоти қарзӣ аз пасандоздорон | | | | |
| | - баҳодиҳии пурра, эътимоднок ва саривақт баҳисобгирии маълумоти пасандоздорон, уҳдадори дар назди онҳо ва даъвоҳои мутақобила | | | | |
| | - мавзӯъҳои дигари марбут ба мавзӯи санҷиш | | | | |
| 4 | **Таъмини маълумот аз ҷониби ташкилоти қарзӣ оиди иштирок дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ба пасандоздорон ва тартиби гирифтани ҷубронпулии суғурта аз рӯи амонату пасандозҳо** | | - маводҳои иттилоотӣ дар ташкилоти қарзӣ ҷойдошта, инчунин дар сомонаи ташкилоти қарзӣ дар шабакаи Интернет ҷойгир кардашуда;<br>- шаклҳои шартномаҳои бонкӣ;<br>-- натиҷаҳои назарсанҷии шифоҳӣ ва хаттии кормандони ташкилоти қарзӣ | | |

| № п/п | Саволҳои санҷишӣ | Давраи санҷишӣ* | Ҳуҷҷатҳо (маълумотҳо)** | Рақами ҳисобҳои тавозунии санҷидашаванда, доираи санҷиш | Ҳаҷми санҷиши ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| | - санҷиши ҷой доштани маводҳои иттилоотӣ дар бораи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо | Дар санаи санҷиш | | | |
| | -баҳодиҳии савияи дониши кормандони ташкилоти қарзӣ оид ба суғуртаи амонату пасандозҳо | | | | |
| | - роҳҳои пешниҳоди маълумот ба пасандоздорон оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо | | | | |
| | - мавзӯъҳои дигари марбут ба мавзӯи санҷиш | | | | |
| 5 | **Аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ҷойгир намудани маълумот оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо дар ҷойҳои ба мизоҷон намоён, ки дар он хизматрасонӣ ба пасандоздорон амалӣ карда мешавад** | | - маводҳои иттилоотие, ки дар бинои ташкилоти қарзӣ ҷойгиранд; | | Вобаста аз масофаи ҷойгиршавӣ ва дастрасӣ санҷиш дар воҳидҳои сохтории ташкилоти қарзӣ (филиалҳо, марказҳои хизматрасонии бонкӣ) аз 1 то 3 адад гузаронида мешавад |
| | - баҳодиҳии тарзи расонидани маълумот оиди суғуртаи амонату пасандозҳо ба мизоҷони ташкилоти қарзӣ | Дар санаи гузронидани санҷиш | | | |
| | - баҳодиҳии мазмуни маводҳои иттилоотӣ | | | | |
| | - мавзӯъҳои дигари марбут ба мавзӯи санҷиш | | | | |

| №<br>п/п | Саволҳои санҷишӣ | Давраи санҷишӣ* | Ҳуҷҷатҳо (маълумотҳо)** | Рақами ҳисобҳои тавозунии санҷидашаванда, доираи санҷиш | Ҳаҷми санҷиши ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 6 | **Қобилияти ташкилоти қарзӣ ҷиҳати тартиб додани феҳристи уҳдадориҳо дар назди пасандоздорон дар шакли муайян ва муҳлати муқарраршуда** | | - ҳуҷҷатҳои дохилии ташкилоти қарзие, ки тартиби ташаккули феҳристро танзим менамоянд;<br>- феҳристи пасандоздорон ,<br>- тавозуни маҷмӯӣ ё варақаи гардиш;<br>- варақаи бақия дар суратҳисоби шахсӣ;<br>- ҳисобҳои шахсӣ (нусха аз суратҳисобҳои шахсӣ);<br>- маълумот дар бораи пасандоздорон ва суратҳисобҳои онҳо дар НАБ кушода шуда;<br>- маълумот аз рӯи шартномаи бонкии пасандоздорон;<br>- маълумоти оиди қарздорҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои таҳлилии ҳисобдорӣ, ҳуҷҷатҳои ибтидоие, ки дар асоси он талаботи ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздорон ба миён меояд;<br>- Тавзеҳот, маълумотномаҳо, шарҳҳои хаттӣ ва шифоҳии роҳбарон ва кормандони ташкилоти қарзӣ | Ҳисобҳои тавозунӣ, ки дар ҳисоботи шакли №1-Х нишон дода шудааст ва ҳисобҳои тавозуние, ки дар он даъвоҳои мутақобилаи ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздорон ба инобат гирифта шудааст. | Аз ҷониби аъзои гурӯҳи корӣ вобаста ба шумораи пасандоздорон дар феҳрист ва шумораи хатогиҳо дар рафти муқоисаи маълумоти феҳрист бо ҳисобҳои муҳосиботи муайян карда мешавад. |
| | - санҷиши маълумоти пурраи феҳрист | Дар санаи омода намудани феҳрист | | | |
| | - баҳодиҳии шакли пешниҳоди маълумот дар феҳрист | | | | |
| | - санҷиши маълумот дар бораи ташкилоти қарзӣ ва филиалҳои он дар феҳрист | | | | |
| | - санҷиши мувофиқати маълумотҳои феҳрист бо маълумотҳои баҳисобгирии муҳосиботӣ | | | | |
| | - санҷиши ворид намудани маълумоти пурра оид ба даъвоҳои мутақобила | | | | |
| | - санҷиши ворид намудани маълумоти пурра ва дуруст оид ба пасандоздорон дар феҳрист | | | | |
| | - мавзӯъҳои дигари марбут ба мавзӯи санҷиш | | | | |

**Замимаи №2**
Ба Тартиби гузаронидани санҷиши
ташкилотҳои қарзӣ дар самти
суғуртаи амонату пасандозҳо

**Барои истифодаи хизматӣ**
**Нусхаи №__**

# САНАД
## дар бораи мамониат ба гузаронидани санҷиш
(номи расмии ташкилоти қарзӣ)

**№___** **аз "____" "__________"соли 20__**

Санади мазкур дар асоси далели мамониат ба гузаронидани санҷиши ___________________________________________________________________________ (номи пурраи расмии ташкилоти қарзӣ, филиал ва воҳидҳои сохтории он), ки мутобиқи супоришнома барои гузаронидани санҷиш аз "____""________" соли 20__ №__ тартиб дода шуд.

Гурӯҳи санҷиш дар ҳайати ___________________________________________ (номи пурраи расмии ташкилоти қарзӣ, филиал ва воҳидҳои сохтории он) аз "___""____________"соли 20____ санҷиш гузаронд (бояд ба санҷиш оғоз мекард).

Барои гузаронидани санҷиш ба гурӯҳи санҷиш зарур аст (иҷозати ворид шудан ба бино ва биноҳои хидматии ташкилоти қарзӣ, филиал ва воҳидҳои сохтории санҷишшаванда, гирифтани ҳуҷҷатҳои (иттилооти) барои санҷиш зарур, нусхабардорӣ кардани ин ҳуҷҷатҳо, гирифтани баёнот ва ғайра).

Роҳбари ташкилоти қарзӣ, филиал ва воҳидҳои сохтории он __________________________________________(иҷозати ворид шудан ба бино ва дигар биноҳои хидматии ташкилоти қарзӣ, филиал ва воҳидҳои сохтории он ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳоро рад намуд), ки ин боиси имконнопазир гардидани санҷиш дар ташкилоти қарзӣ, филиал ва воҳидҳои сохтории он гардид.

**Роҳбари гурӯҳи санҷиш______________________________(ному насаб)**
**(имзо)**
**Аъзои гурӯҳи санҷиш________________________________(ному насаб)**
**(имзо)**
**"____""_______________"соли 20_____**

**Нусхаи санади мазкур гирифта шуд: "____""_______________"соли 20_____**

**Роҳбари ташкилоти қарзӣ, филиал ва воҳидҳои сохтори**
**__________________________ ____ (ному насаб) (имзо) ҷ. м.**

Дар ҳолати ба корманди масъули ташкилоти қарзӣ, филиал ва воҳидҳои сохтории он супурдани санади санҷиш номи хонаводагӣ, ном, номи падар, вазифаи корманди масъули ташкилоти қарзӣ, филиал ва воҳидҳои сохтории он, рақам ва таърихи додани ваколатнома барои иҷрои фаъолият аз рӯи қабули санади санҷиш барои ба шиносоӣ додани он ба роҳбари ташкилоти қарзӣ, филиал ва воҳидҳои сохтории он нишон дода мешавад.

**Замимаи №2**
Ба Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои қарзӣ дар самти суғуртаи амонату пасандозҳо

**Барои истифодаи хизматӣ**
**Нусхаи №__**

**Пайнавишти қабулу супурди санади санҷиш**

_______________________________________________
(номи расмии ташкилоти қарзӣ)

аз "_____""________________" соли 20____

Пайнавишти мазкур вобаста ба супурди санади санҷиши ____________________________________________________________________________ (номи пурраи расмии ташкилоти қарзӣ, филиал ва воҳидҳои сохтории он) мутобиқи супоришнома барои гузаронидани санҷиш аз "___""______________"соли 20____ таҳти №___ барои шинос намудани роҳбари ташкилоти қарзӣ, филиал ва воҳидҳои сохтории он ______________________________________________________________ (вазифа, ному насаб) таҳия шудааст.

Гурӯҳи санҷиш барои шинос намудани мақомоти идоракунии ташкилоти қарзӣ, филиал ва воҳидҳои сохтории он дар асоси ҳуҷҷатҳои (иттилооти) аз ташкилоти қарзӣ, филиал ва воҳидҳои сохтории он гирифташуда дар давраи аз "______""_____________"соли 20__ , то "______""____________"соли 20____ дар ду нусха санади санҷишро, ки ҳар кадоми он эътибори якхелаи ҳуқуқӣ дорад, таҳия намуд ва нусхаи санади мазкурро барои шиносоӣ ба ташкилоти қарзӣ, филиал ва воҳидҳои сохтории он месупорад.

Ба роҳбар ё корманди масъули ташкилоти қарзӣ зарур аст, ки ҳифзу нигаҳдории санади санҷишро таъмин намуда, дар муҳлати на дертар 5 рӯзи корӣ аз рӯзи имзо шудани пайнавишти мазкур бо он шинос шавад.

Далели шинос шудан бо санади санҷиш бояд бо имзои роҳбар ё корманди масъули ташкилоти қарзӣ ва нақши мӯҳри ташкилоти қарзӣ, филиал ва воҳидҳои сохтории он дар ҳар ду нусхаи санади санҷиш "_____""____________"соли 20__ __соати "_____""______" дақиқа дар бинои ташкилоти қарзӣ, филиал ва воҳидҳои сохтории он ё шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон бо нишонии: ______________________________________________тасдиқ карда шавад.

Ифшои маълумоте, ки дар санади санҷиш маҳфуз аст, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

Пайнавишти мазкур дар ду нусха таҳия шудааст.

**Роҳбари ташкилоти қарзӣ, филиал ва воҳидҳои сохтории он(имзо) (ному насаб)**

**Роҳбари гурӯҳи санҷишӣ___________________**
**(имзо) (вазифа, ному насаб)**

**ҷ.м. ташкилоти қарзӣ, филиал ва воҳидҳои сохтории он**

Дар ҳолати ба корманди масъули ташкилоти қарзӣ, филиал ва воҳидҳои сохтории он супурдани санади санҷиш номи хонаводагӣ, ном, номи падар, вазифаи корманди масъули ташкилоти қарзӣ, филиал ва воҳидҳои сохтории он, рақам ва таърихи додани ваколатнома барои иҷрои фаъолият аз рӯи қабули санади санҷиш барои ба шиносоӣ додани он ба роҳбари ташкилоти қарзӣ, филиал ва воҳидҳои сохтории он нишон дода мешавад.